**Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

*ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ*

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ ва фазои маҷозӣ, таҳаввулоти босуръати киберҷиноятҳоро ба вуҷуд оварда, зарурати таваҷҷуҳи ҷиддиро ба ин самт аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеаи илмӣ тақозо менамояд.

Вобаста ба масъалаи мазкур 4-уми июли соли 2023, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи шурои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, аз таҳдидҳои афзояндаи киберҷиноятҳо ба амнияти минтақа ва ҷаҳон ёдовар шуданд, ки дар доираи чаҳорчӯби ҷаласаи шурои сарони давлатҳо ба таври умум 11 қарору санад қабул шуд, ки муҳимтарини онҳо ҳамкорӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо ва таҳаввулоти рақамиро дар бар мегирад.

Аз ин ҷо зарурати омӯзиши вазъи танзими қонунгузории таркиби ҷиноятҳои мазкур ва ҷавобгарӣ барои содирнамоии онҳо, такмил додани амалияи дахлдори ҳуқуқтатбиқнамоӣ, баланд бардоштани фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба пешгирии киберҷиноятҳо зарур мебошад. Банобар ин, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ он вақт дуруст ҳисобида мешавад, ки агар аломатҳои таркиби ҷиноят, ки дар моддаҳои қисми

махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, бо аломатҳои кирдори воқеие, ки шахс содир кардааст, пурра мувофиқ оянд.

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф методҳои диалектикӣ, инчунин барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда бо истифода аз равишҳо ва усулҳои институтсионалӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисави-ҳуқуқӣ, оморӣ ва дигар методҳои умумӣ ва махсуси илмӣ, ки аз ҷониби илм таҳия ва дар амалия санҷидашудаанд, истифода намудааст. Методҳои умумӣ-илмӣ имкон додааст, ки омӯзиши нақши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар рушди ҷомеа ва таъсири онҳо ба ҷомеаи муосир, истифодаи бемавриди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ чӣ паёмадҳо дорад.

Албатта, дар ин самт ҷанбаҳои омӯхтанашуда зиёданд, буданд, ки муаллиф омӯзиши муфассали қонунгузории ҷиноятӣ ва масъалаҳои криминологии таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои кибериро ба роҳ мондааст. Воқеан ҳам дар шароити ҷаҳонишавӣ бояд дар бораи мафҳуми киберҷиноятҳо ва хатари онҳо барои ҷомеа, таснифи киберҷиноятҳо, ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо андеша кард.

Аз мазмуни автореферати таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи Давлатзода Комрон Давлат маълум мегардад, ки паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои мавзуи болозикр ба риштаи таҳлил кашида шуда, дар замони Истиқлоли давлатӣ аввалин тадқиқоти ватанӣ бо забони давлатӣ мебошад, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва масъалаҳои криминологии муқовимат ба киберҷиноятҳоро дар бар гирифта, барои ҳуқуқшиносон, коршиносон (экспертон), кормандони амалия, аз аҳаммият холӣ нест. Дар автореферати диссертатсия зикр гардидааст, ки баъди дастрасӣ ба шабакаи ҷаҳонии интернет ва компютеркунонии босуръати мамлакат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи маълумотҳои Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои

дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин киберҷиноятҳо дар намуди тағйири иттилоот дар система ё шабакаи компютерӣ, соли 2008 ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамин тавр, дар автореферати диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифҳои он, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва хаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ пешбинӣ гардидааст. Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешбинишуда, боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои назариявиро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии киберҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои хориҷӣ истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазрати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва судҳо метавонанд истифода карда шаванд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он докторант 28 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 20 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 8 мақола дар нашрияҳои дигар, 1 воситаи таълимӣ ва 2 монографияи илмӣ ба табъ расонидааст, ки  хаҷми умумии интишороти муҳаққиқ зиёда аз 85 ҷузъи чопӣ мебошанд.

Мазмуну муҳтавои автореферати мазкур асоснок менамояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Дар қисми хулоса, банди 17-уми автореферат, муаллиф зарурияти таҳияи Консепсияи миллӣ ё Стратегияи давлатии таъмини амнияти кибериро, ки ба принсипҳо ва меъёрҳои қонунгузорӣ асос ёфта бошад, муҳим мешуморад. Нуқтаи назари муаллиф аз як тараф қобили дастгирист, вале аз тарафи дигар баҳснок аст, зеро танҳо аз ибтидои солҳои 2000-ум дар мамлакат як қатор санадҳои муҳим дар самти таъмини амнияти иттилоотии кишвар ва муқовимат бо киберҷиноятҳо бахусус Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми ноябри 2003 ва Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели 2008 қабул гардидааст.

Дар зербоби сеюми боби чоруми таҳқиқот, муаллиф иброз менамояд, ки аломатҳои субъективии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд, танҳо бо қасди бевосита тавсиф карда мешаванд. Аммо аз таҳлили қисмати хулоса ва тавсияҳои автореферати мазкур бармеояд, ки вобаста ба ин масъала муаллиф андешаҳои худро иброз накардааст. Шояд масъалаи мазкур дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта бошад, бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки муаллиф андешаҳои худро ҳангоми дифои рисолаи илмӣ ироа намояд.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб мешавад.

Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода К.Д. дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ

арзёбӣ гардида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Давлатзода К.Д. сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
профессори кафедраи назарияи давлат
ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ. Раупова М.Т.

**Имзои М.Т. Рауповаро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсусӣ Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.

21.05.2024

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33; Тел.: (+992) 37 224-17-86; факс: (+992) 37 224-17-86; сомона: www.apa.tj; Email: info@apa.tj.